# Тартиби
# (Регламенти)
# баргузории Синамоҷашнвораи байналмилалии
# “Душанбе”

**Замони баргузорӣ: “13 – 18 “ апрели соли 2020.**

**Макони баргузорӣ: шаҳри Душанбе.**

**А. Синамоҷашнвораи байналмилалии** “**Душанбе**” барои таҳкими ҳамкориҳои синамогарони Тоҷикистон ва ошноӣ пайдо кардани тамошобини тоҷик бо дастовардҳои беҳтарини синамои ҷаҳонӣ, бахшида ба Рӯзи шаҳри Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад. Он ҳар ду сол, панҷ рӯз идома ёфта, рӯзи шанбеи ҳафтаи сеюми моҳи апрел ҷамъбаст карда мешавад. Муассисони **Синамоҷашнвораи байналмилалии** “**Душанбе**” Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва баргузоркунандаи он Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” мебошанд.

**Б**. **Озмуни байналмилалӣ**. Барои ин бахш филмҳои достонии оммаписанд (драма, комедия, триллер, детектив, филми таърихӣ ва ғайра) интихоб ва намоиш дода мешаванд. Дар ин озмун на камтар аз 20 филмипурра метражӣ, ки дастовардҳои синамои муосири мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ва бародаршаҳрҳои Душанберо (на камтар аз 20 давлат) инъикос менамоянд, ширкат мекунанд;

**В**. **Озмуни дастовардҳои беҳтарини кинои миллӣ**. Намоиш ва баҳогузории беҳтарин филмҳои тоҷикӣ, ки дар чанд соли охир сохта шудаанд.

**Г**. **Барномаи бузургдошти шахсиятҳои маъруфи синамоӣ ва мурур бар осори онҳо**: Давраи якуми **Синамоҷашнвораи байналмилалии** “**Душанбе**” ба бузургдошти Борис Алексеевич Кимёгаров бахшида мешавад.

**Д**. **Мизи мудаввар** бо ширкати меҳмонон ва мутахасисони соҳаи синамо, фарҳангшиносон, мунаққиддони синамо ва гузоришгарони дастовардҳои синамоӣ, ки ҳар дафъа паҳлуҳои камомӯхта, ё норӯшани синамои ИДМ ва кишварҳои ширкаткунандаро таҳлилу баррасӣ менамоянд. Барои давраи якум мавзӯъи “Барномаи рушди кинои тоҷик барои солҳои 2018- 2022” муаррифӣ ва баррасӣ мегардад;

E. **Коргоҳҳои ҳунарӣ** (мастер классҳо) аз ҷониби меҳмонон ва ширкаткунадагони **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** барои синамогарони ҷавони Тоҷикистон, донишҷӯёни бахшҳои синамои Донишкадаи санъат ва фарҳанги Тоҷикистон, ба номи М.Турсунзода ва бахшҳои гуманитарии донишгоҳу донишкадаҳо ишаҳри Душанбе гузаронида мешаванд;

**ИНТИХОБИ ФИЛМҲОИОЗМУНӢ**:

Филмҳои озмунӣ (то 20филм) бар асоси Низомномаи Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”, дар бахшҳои **Озмуни байналмилалии филмҳо** ва **Озмуни дастовардҳои беҳтарини кинои миллӣ** (то 20 филм)интихоб мегарданд. Барои интихобкунандагони ин ин барномаҳои озмунӣ, шартҳои зерин муҳим мебошанд:

1. То чӣ андоза филмҳо ҳадафҳои бадеияшонро навоварона ифода карда метавонанд?;
2. Инсондӯстӣ (ҳуманизм): «Тахаюли бузург ҷавҳари сириштҳоро мунаввар месозад»;
3. Филмҳои ҳунарии ба **Озмуни байналмилалӣ** пешниҳодгардида, бояд дар давоми 2 соли охир, пеш аз шуруъи даври якуми **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** сохта шуда бошанд. Филмҳои ҳунарии пурраметражии бахши Озмуни байналмилалӣ дар шакли ( формати ДВД, HDV, ) пазируфта мешаванд.
4.Филмҳои ҳунарии ба **Озмуни дастовардҳои беҳтарини кинои миллӣ** пешниҳод шаванда бо салоҳдиди доиркунандагони **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** новобаста ба соли истеҳсолашон интихоб мегарданд. Филмҳои ҳунарии ин бахш низ дар шакли ( формати ДВД, HDV) пазируфта мешаванд.

**ДОВАРИИ (ЖЮРИИ) БАЙНАЙЛМИЛАЛӢ**:

Он дар ҳайати то 5 нафар синамогарони маъруфи ватаниву хориҷӣ аз ҷониби роҳбарияти **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** таъсис дода мешавад. Доварони байналмилалӣ дар доираи Низомномаи **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** мустақилона Низомномаи фаъолияташонро муқараркарда, меъёрҳои баҳогузории филмҳоро муайян менамоянд ва ҷоизаҳои аслии онро (бағайр аз Ҷоизаи реопаги мунақиддони кино, Ҷоизаи НЕТПАК ва дигар ҷоизаҳои “сарпарастон”) ба ғолибони **Озмуни байналмилалӣ** ва **Озмуни дастовардҳои беҳтарини кинои миллӣ** эҳдо менамоянд.

**ҶОИЗАҲОИ СИНАМОҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ “ДУШАНБЕ”**

Доварони байналмилалии **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** чунин ҷоизаҳои дорои маблағҳои пулиро барои бахши **Озмуни байналмилалӣ** ва **Озмуни дастовардҳои беҳтарини синои миллӣ** эҳдо менамоянд:

1. Шоҳҷоизаи (ГранПри) **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** барои беҳтарин филми ҳунарӣ дар бахшҳои **Озмуни байналмилалӣ** ва **Озмуни дастовардҳои беҳтарини кинои миллӣ**;
2. Ҷоизаи беҳтарин филмнома дар ҳарду бахш;
3. Ҷоизаи беҳтарин коргардонӣдар ҳарду бахш;
4. Ҷизаи беҳтарин наворбардорӣдар ҳарду бахш;
5. Ҷоизаи беҳтарин иҷрокунандаи нақши асосии занона дар ҳарду бахш;
6. Ҷоизаи беҳтарин иҷрокунандаи нақши асосии мардона дар ҳарду бахш;
7. Ҷоизаивижаи Доварони байналмилалӣ дар ҳарду бахш:
8. Ба ғайр аз ҷоизаҳои аслии **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** ҷоизаҳои ҳавасмандгардонӣ аз қабили: Ҷоизаҳои сарпарастон бо номҳои хосе, ки онҳо муайян мекунанд, таъсисёфта ба ширкаткунандагони бахшҳои гуногуни **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** эҳдо карда мешаванд.

**АРЕОПАГИ МУНАҚҚИДОНИ КИНО**:

Ареопаги муннақидони кино бо ташабуси роҳбарияти **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** дар ҳайати то 5 нафар муҳаққиқони соҳаи синамои Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Онҳо бо ҷаҳонбинӣ ва мавқеъи худ пажуҳиши сареъи ҷанбаҳои гуногун, ҳолати муосир ва дурнамои синамои Осиёи Марказиро бар асоси барномаҳои пешниҳоднамудаи **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** муайян намуда, яке аз ҷоизаҳои муътабартарин - Ҷоизаи мунтақидини синамои Тоҷикистонро ба созандаи филми сазовор эҳдо менамоянд. Инчунин бо доиркунандагони **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** дар омода кардан ва баргузории Мизи мудаввар, пресс конферентсияҳо ширкат менамоянд. Ареопаги мунаққидони синамо Низомномаи фаъолияташонро дар доираи талаботи Низомномаи **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** мустақилона муайян менамоянд.

**САРМОЯГУЗОРОН ВА САРПАРАСТОН**:

**Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”** бо сармоягузории Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” аз ҳисоби даромадҳои дохилӣ ва сарпарастиҳои ихтиёрӣ баргузор мешавад. Ҳамагуна корхонаву муассисаҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он фаъолият дошта, новобаста ба шакли моликияташон , ки арзишҳои **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”**-ро эътироф менамоянд ва дар дар ташкилу баргузории он ширкат кардан мехоҳанд, метавонад сармоягузори он бошанд.

**МУШОВИРОН ВА ҲАЙАТИ КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**:

Роҳбарияти **Синамоҷашнвораи байналмилалии** “**Душанбе**” ва 10 нафар аъзои он бо мушовирони соҳибкасби ботаҷрубае ҳамкорӣ менамоянд, ки қудрати таҳлили интиқодии корҳои банақшагирифтаро доро мебошанд ва барои беҳтар кардани раванди омодасозӣ ва баргузории он пешниҳоди навоваронаи муассир менамоянд.

**ДАЪВАТИ ШИРКАТКУНАНДАГОН ВА ВАКОЛАТНОМАГИРИИ РӮЗНОМАНИГОРОН** :

Коргардони филми барои Озмуни байналмилалӣ интихобгардида (ё дигар офарандаи он), босалоҳдиди роҳбарияти **Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе**” бопардохти харҷҳои муайяни сафар ва иқоматашон даъват карда мешаванд.

Маркази матбуотии **Синамоҷашнвораи байналмилалии** “**Душанбе**” ба рӯзноманигорон барои ширкат дар Расми ифтитоҳ ва расми ихтитом ва дигар барномаҳои он ваколатнома медиҳад.

Дархостҳо барои ширкат дар якумин Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе” то 01 марти соли 2020 пазируфта мешаванд.

Суроғаи Синамоҷашнвораи байналмилалии “Душанбе”: 734013, шаҳри Душанбе, кӯчаи К.Беҳзод 25. Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм”.

Телефонҳо барои тамос: +7(992) 2216771, 2276778.

E-mail: dushanbeiff@mail.ru

www.dushanbeiff.tj